Коркарди дарси кушод аз фанни математика
Муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби № 39-и шаҳри Ангрен Турдиқулова Шахло Рӯзимуратовна

# Мавзӯъ: Муодила. Мисол ва масъалаи 1-7



**Мавзӯъ:** Муодила. Мисол ва масъалаҳои 1-5

**Мақсади дарс: а) таълими**: Дар бораи муодила ва чи тавр ҳал кардани он маълумот додан. Тарҳкунандаи номаълумро ёфтанро омӯхтан.

**б) тарбияви:** Хонандагонро дар руҳи ватандӯсти, муҳаббат ба табиат тарбия намудан, ҳамчиҳати, якдигарро ҳурматро омӯхтан.

**в) ривочдиҳанда**: бо воситаи супоришҳои математикиро ичро кардан, қобилияти фикрронии мантиқи ва тезкориро ривоч додан.

**Намуди дарс:** Дониши нав додан.

**Методи дарс:** Фаҳмондан, Амали, Блитс савол-чавоб

**Чиҳози дарс:** Доими, овезаҳо, картошка, расми меваю сабзавотҳо.

**Воситаи техники:** Компютер

**Рафти дарс:**

**I. Қисми ташкили:**

Салому алек.

**Муаллима:** Бачаҳо шумо амонед.
Ҳоло ба дарс тайёред?

**Бачаҳо:** Муаллимчон амонем
Ҳоло ба дарс тайёрем!

**Муаллима:** Дар синф ки навбатчи
Ба мо ахбор диҳадчи?

**Навбатчи:** Дар синф ман навбатчи
Аз ҳар як кор хабарчи
Дар дарс иштирок доранд
27-нафар иштирокчи
Санаи имрӯза 23- феврал
Рӯзи дуюми ҳафта Сешанбе

**Муаллима:** Ҳоло дар сарзамини мо кадом фасли сол ҳукмрон аст?

- Зимистон.

**Муаллима:** Ба фасли зимистон кадом моҳҳо дохил мешавад?

- Декабр, январ, феврал.

**Муаллима:** Дар моҳи декабр мо кадом идҳоро чашн гирифтем?

- 23-солагии Конститутсияро, 10-декабр рӯзи қабулкардашудаи суруди милли – Мадҳияро.

**Муаллима:** дар моддаи 41-конститутсия дар бораи чи навишта шудааст?

- Шаҳрвандон ҳуқуқи бепул таълимгири доранд.

**Муаллима:** Соли 2015- и гузашта чи гуна сол буд?

**Муаллима:** Соли нави 2016 ро Президенти мо И.А.Каримов чи гуна сол гуфта эълон карданд?

- Соли "Модар ва кўдаки солим"

Албатта модар солим бошад фарзандони солим ба дунё меоянд.

**Муаллима:** Ҳоло дарсамон чист?

**Бачаҳо:** Математика шоҳи фанҳост
Аз сири вай шавед огоҳ.

**II. Мустаҳкамкунии дарси гузашта:**

**Муаллима:** Ҳоло кадом ид наздик омада истодааст?

- 8-март

**Муаллима:** Ҳоло мо бо шумо Блитс савол – чавоб мегузаронем. Ба саволҳо тез ва бехато чавоб диҳед ба шумо бозичаҳои дода мешавад.

**"Блитс савол-чавоб"**

1.Квадрат чист? -Чоркунчаи росткунчаи ҳамаи тарафҳояш баробар

2.Чамъшавандаи номаълумро чи тавр меёбем? – Аз ҳосили чамъ чамъшавандаи маълумро тарҳ мекунем.

3.Ҳадҳои чамъро гўед? Чамъшавандаи 1, 2 Ҳосили чамъ

4.Ҳадҳои тарҳро гўед? Таҳшаванда, тарҳкунанда, ҳосили тарҳ

5. 5+6 чи мебошад? Ифодаи адади

6. а+6 чи мебошад? Ифодаи ҳарфи.

Вазифаи хонаги даҳони санчида мешавад.

№ 6

| | |
|---|---|
| Буд – 8-то мурғ | 8 + x = 13 |
| Ҳамроҳ шуд - ? | x = 13 - 8 |
| Ҳамаги – 13-то мурғ | x = 5 |
| Ҳал: 13-8=5(то) | 8 + 5 = 13 |

Чавоб: 5-то мурғ ҳамроҳ шуд

№7

| | | |
|---|---|---|
| 24 + x = 30 | x + 15 = 40 | 13 + x = 20 |
| x = 30 – 24 | x = 40 – 15 | x = 20 – 13 |
| x = 6 | x = 25 | x = 7 |
| С: 24 + 6 = 30 | С: 25 + 15 = 40 | С: 13 + 7 = 20 |
| 30 = 30 | 40 = 40 | 20 = 20 |

Хонандагонро рағбатонидан.

**III. Баёни мавзўи нав:**

Мавзўъ ва мақсади дарс гуфта мешавад.

Имрўз мо бо шумо тарҳкунандаи номаълумро чи тавр ёфтанро меомўзем. Ҳама бодиққат ба экран нигоҳ кунад.

35 – x =30 Дар ин муодила чи номаълум? Тарҳкунанда. Бале, барои тарҳкунандаро ёфтан мо аз тарҳшаванда ҳосили тарҳро тарҳ мекунем, демак: Аз 35 адади 30-ро тарҳ мекунем.

Инро бо ёрии муодила ин тавр ҳал карда мешавад:
35 – x = 30
x = 35 – 30
x = 5
С: 35 – 5 = 30
30 = 30
№ 2
40 – 7 = 33 Ҳадҳои тарҳро гӯед:
40 – тарҳшаванда 7 – тарҳкунанда 33 – ҳосили тарҳ
Аз тарҳшаванда ҳосили тарҳро тарҳ кунем тарҳкунанда ҳосил мешавад.
40 – 33 = 7
Ба ҳосили тарҳ тарҳкунандаро чамъ кунем тарҳшаванда ҳосил мешавад.
33 + 7 = 40
Акнун ин усулро бо роҳи муодила ҳал мекунем.
Дар тарелка 12–то зардолу буд. Баъд аз якчандто зардолуро хӯрдан 5–то зардолу монд. Чандто зардолу хӯрда шудааст.

| | |
|---|---|
| Буд – 12 –то зардолу | 12 – x = 5 |
| Хӯрданд - ? зардолу | x = 12 – 5 |
| Монд – 5-то зардолу | x = 7 |
| Ҳал: 12 – 5 = 7 (то) | 12 – 7 = 5 |

Чавоб: 7-то зардолу монд
**Дақиқаи дамгири:**
Замин калон мо хурдем
Аммо моҳо бисёрем
Мақсади мо ягона
Сулҳ бошад дар чаҳона
**Бозии “Ҳа” ва “Не” гузаронида мешавад.**
Доир ба рақами 8
Хонанда дар сараш рақамро бардошта меистад ва бо саволҳо мурочиат мекунад. Ман кистамми?
Хонандагон: Не
- Ман чистамми?

Хонандагон: Не
- Ман чандамми?

Хонандагон: Ҳа
- Ададамми?
- Ҳа
- Адади дурақамами?
- Не
- Адади чуфтми?
-

- Адади якрақамами?
- Ҳа
- 2-ми
- Не
- Дар ин сана ид мешавадми?
- Ҳа
- 8-ми?
- Ҳа

Муаллима: Кани гӯедчи дар ин сана  кадом идҳоро чашн мкгирем?
-8-декабр рӯзи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон
-8-март рӯзи Иди Бонувон
Муаллима: Офарин бачаҳо!

**Мусобиқа байни гурӯҳҳо гузаронида мешавад.**
**Мисоли 3**

**Гурӯҳи 1**

| | |
|---|---|
| 17 – x  = 9 | 18 – x  = 8 |
| x = 17 – 9 | x – 18 – 8 |
| x = 8 | x = 10 |
| С: 17 – 8 = 9 | С: 18 – 10 = 8 |
| 9 = 9 | 8 = 8 |

**Гурӯҳи 2**

| | |
|---|---|
| 19 – x = 10 | 35 – x = 30 |
| x= 19 – 10 | x = 35 – 30 |
| x = 9 | x = 5 |
| С: 19 – 9 = 10 | С: 35 – 5 = 30 |
| 10 = 10 | 30 = 30 |

**Гурӯҳи 3**

| | |
|---|---|
| 28 + x = 48 | 12 + x = 30 |
| x= 48 – 28 | x = 30 – 12 |
| x = 20 | x = 18 |
| С: 28 + 20 = 48 | С: 12 + 18 = 30 |
| 48 = 48 | 30 = 30 |

Акнун мо ба саёҳат меравем ба боғчаи бачагона.
№ 4  Дар асоси чадвал масъала тартиб диҳед ва онро ҳал кунед

| Мавчуд буд | Истифода шуд | Боқи монд |
|---|---|---|
| 40 кг картошка | ? кг | 27 кг |

Ҳал: 40 – 27 = 13 (кг)
Чавоб: Боқи монд 13 кг картошка
Бо усули муодила чи хел менависем?
40 – x = 27
x = 40 – 27
x = 13
40 – 13 = 27
Акнун аз боғча мебароем ва бо автобус ба мактаб меоем.
№ 5 Масъаларо хонда таҳлил карда мешавад
Мо албатта ба қоидаи ҳаракати роҳ бояд риоя кунем. Аз кадом тарафи автобус мо бояд фароем? Аз пеш
Аз кадом тараф мегузарем? Аз қафо
Буд – 37 нафар
Фаромад - ? нафар
Монд – 30 нафар
Ҳал: 37 – 30 = 7 (н)
Чавоб: 7 нафар фаромад
**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав Тест**
1.Ҳосили тарҳи ададҳои 27 ва 7-ро ёбед.
А) 34 **Б) 20** В) 19
2.Ҳосили чамъи ададҳои 30 ва 25-ро ёбед.
**А) 55** Б) 5 В) 15
3. Муодила тартиб диҳед: Тарҳшаванда 24 тарҳкунанда х ҳосили тарҳ 20
А) 24 + х =20 **Б) 24 – х = 20** В) х – 24 = 20
**V. Баҳогузори:** Хонандагони дар давоми дарс фаъол иштирок кардаро рағбатонидан, хонандагоне, ки бозичаҳо доранд арчаи солинавиро оро медиҳанд.
**VI. Вазифаи хонаги:** Мисол ва масъалаи 6 – 7 фаҳмонда мешавад